Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

ТАҚРИЗ

ба автореферати Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар мавзуи «Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз рӯйи ихтисоси: 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ яке аз қуҳи ҳаракатдиҳандаи инкишофи иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Яке аз омили асосии рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ имрӯз рушди ҷараёнҳои ҳамгирой баромад намуда, бидуни ҷалби сармояи хориҷӣ имконнопазир намебошад. Аз ин лиҳоз махсусият, ташаккулёбӣ, шакл ва усулҳои омӯзиши сармоягузории хориҷӣ, бахусус сармоягузории мустақими хориҷӣ дар сиёсати иқтисодии ҳар як кишвар мақоми аввалиндараҷаро ишгол менамояд.

Аз нигоҳи муаллиф таносуби имрӯзаи ташаккулёфтаи сохтори соҳавии сармоягузории хориҷӣ метавонад самти ашёии иқтисоди мамлакатро дар оянда нигоҳ дорад, ки ин ба сиёсати саноатикунонии босуръат мувофиқат намекунад ва боиси ақибмонӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳо ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот мегардад (саҳ.19).

Муаллиф бамаврид қайд менамояд, ки хосияту миқёси сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳоло барои ба омили асосии бунёди ҷойҳои нави корӣ табдил додани онҳо имконият намедиҳанд, гарчанде ки ба афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани дараҷаи умумии шуғли аҳолӣ мусоидат мекунанд (саҳ.22).

Муаллиф дар автореферат дуруст қайд мекунад, ки механизми танзими сармоягузории хориҷӣ, ҳамчун зуҳуроти серҷанба баромад мекунад. Дар низоми механизми иқтисодӣ ба вай, ҳамчун воситаи самараноки иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат баҳо дода мешавад. Аз мавқеи методикаи танзими давлатӣ, таҳия ва амалӣ гардонидани сиёсати иқтисодии вай чун механизми ҷалби сармоя ва идораи раванди сармоягузорӣ шинохта мешавад (саҳ.24).

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии таҳқиқотро фарогир мебошад. Бояд қайд

кард, ки бо вуҷуди дар сатҳи баланди назариявӣ навишта шудани автореферат, дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд.

1.Ҳангоми таҳлил мушкилоти баррасишаванда ҳамкориҳои иқтисодии ҶТ бо шарикони рушд кам таҳлил шудаанд.

2. Хуб мешуд агар дар автореферати диссертатсия масъалаҳои маблағгузорӣ аз тарафи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ васеътар инъикос мегардиданд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои дар боло зикршуда на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши илмиву назариявии авторефератро паст намекунанд.

Диссертатсияи Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар мавзӯи «Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳон сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, академики АИКТ
Директори Институти иқтисодиёт
ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзии АИКТ Пиризода Ҷ. С.

Нишонӣ: 734020, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Ҳаёти-Нав, 306
Тел: +992 (37) 236-92-01, E-mail: iesh.tashn@mail.ru

Имзои Пиризода Ҷ.С.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири шуъбаи кадрҳои Институти иқтисодиёт
ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзии АИКТ Икромова М.Қ.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ